"Тасдиқ мекунам"
Директори Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Ф._____
_____ соли 2023

Тақризи

муассисаи пешбар – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи гӯйишҳои забони тоҷикӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми забоншиносӣ ба ҳисоб мераванд, зеро дар шеваҳои маҳаллӣ бисёр унсурҳои хоси бунёдӣ - вожаҳо, ибораҳои озод ва фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳои хусусиятҳои маҳаллидоштаро маҳфуз доштаанд, ки барои пажуҳиши таърихи забонҳои эронӣ муфиду боарзиш арзёбӣ мешавад.

Аҳамияти пураразиши забонҳои кӯҳистон, яъне гӯйишҳои тоҷикони мавзеъҳои кӯҳистонро солҳои 20-уми асри XX донишманди шинохтаи олмонӣ, профессор Хоннис Шилд омӯхта ва роҷеъ ба ин масъала андешаи худро чунин баён кардааст: «Забонҳои кӯҳистонӣ барои забоншиносӣ бисёр аҳамият доранд. Бинобар ин агар бигӯям, ки ин забонҳо аз тамоми забонҳои ҳиндуаврупоӣ пураҳамияттар ва омӯхтани онҳо барои фанни забоншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳим аст, муболиға накардаам» (1928, №6, маҷ. «Роҳбари дониш», саҳ. 13-14).

Таркиби луғавии забон, бавижа гӯйишҳо, бо тағйироту дигаргуниҳои ҷомеа дар ҳоли таҳаввулот қарор дошта, дар натиҷаи пешрафти илму техника, фарҳанг, иқтисод ва монанди инҳо калимаву истилоҳоти наве ба вуҷуд меояд, ки на танҳо ба гӯйишҳо, балки ба забони адабӣ низ таъсири худро мерасонанд.

Дар омӯзиш ва пажуҳиши гӯйишҳои забони тоҷикӣ, диалектизмҳои лексикӣ, унсурҳои луғоти омиёна ва вижагиҳои услубии осори мансур ва манзуми бархе адибони шинохтаи тоҷик, донишмандони ватаниву хориҷӣ машғул шуда, таҳқиқотҳои боарзиши зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ, ки ба таҳлил ва таҳқиқи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» бахшида шудааст,

аз муқаддима , се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 152 саҳифаи чопи компютерӣ ҷамъбаст гардидааст.

Муқаддимаи диссертатсия ҳамчун анъана аз аҳамияту дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, ҳадафу вазифаҳо ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, навгониву аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ ва монанди инҳо иборат аст.

Боби аввали диссертатсия «Унсурҳои омиёна ва мавқеи онҳо миёни дигар калимаҳои забон» ном дошта, аз ду фасл ва ду зерфасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввал «Мулоҳизаҳои муқаддимотӣ» роҷеъ ба тафовути вожаҳои омиёна аз забони адабӣ ва лаҳҷавӣ, андешаи бархе аз муҳаққиқони соҳа дар робита ба ҳамин масъала маълумот ироа гардидааст.

Дар фасли дуюм «Вожаҳои баёнгари мафҳумҳои предметӣ» вожаҳои омиёнаи ашъори Ашӯр Сафар, ки соҳаҳои мухталифи зиндагиро фаро гирифтаанд, ба риштаи пажуҳиш даромадааст.

Қобили зикр аст, дар фасли мазкур, ки меҳвари асосии ин бобро ташкил медиҳад, унвончӯ вожаҳои зиёди омиёнаи баёнгари мафҳумҳои предметӣ (исмӣ), аз ҷумла : **чалак, таксарӣ, шиғ, чапар, тоқӣ, курта, даф, лӯлак, бурут, кафтар, чагдон, курчак, каин, адир, қоп, алов, чала, пӯстак, калӯш** ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор дода, бамаврид қайд мекунад, ки шоири нуктасанҷ тобишу ҷилоҳои маъноӣ ва услубии вожаҳои мазкурро ба назар гирифта, корбурди онҳоро дар мавқеъҳои мувофиқу муносиб нисбат ба муродифҳои адабиашон беҳтару шинамтар медонад.

Зерфасли аввали фасли дуюм ба таҳқиқи вожаҳои омиёнаи баёнгари хешовандӣ ва зерфасли дуюм ба таҳлили калимаҳои омиёнаи мафҳумҳои сифатии осори шоир бахшида шудааст.

Дар зерфасли аввали ин фасл вожаҳои омиёнаи **оча, дада, мома, бибӣ, мом, шӯ, уко, ака, келин** ва ғайра таҳлил гардида, дар зерфасли дуюм бошад, вожаҳои омиёнаи сифатии **хунук** (зишт), **қоқ** (лоғар), **беҳанг, алахон, алас, хира, шалпар, калкот** ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюм «Хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» унвон дорад ва дорои се фасл мебошад.

Дар фасли аввали ин боб унвончӯ оид ба феълҳои амалу ҳолат, дар фасли дуюм дар бораи пасванди – «ак» ва хусусиятҳои калимасозии он ва дар фасли сеюм роҷеъ ба калимаву таркибҳои мафҳуми қабеҳдоштаи ашъори Ашӯр Сафар маълумот додааст.

Воқеан, пасванди маъносозу шаклсози «-ак» сервазифа буда, хурдиву навозиш, лутфу меҳрубонӣ, писханду тамасхӯр, таҳқиру нописандиро ифода мекунад ва, дар нутқи омиёна ва лаҳзаҳои ҳачву шӯхӣ бештар корбурд мешавад. Азбаски дар осори шоир ашъори ҳачвӣ ва танзӣ мавқеи хос дорад, аз ин рӯ, вожаҳои бо пасванди мазкур сохташуда зиёд ба назар мерасанд ва аз ҳамин лиҳоз, унвончӯ як фасли боби дуюмро ба пасванди зикршуда бахшида, тобишу чилоҳои маъноии онро дар осори шоир нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия, ки «Фразеологизм ва зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори Ашӯр Сафар» номгузорӣ шудааст, аз панҷ фасл иборат аст.

Муҳаққиқ дар фасли аввал андешаи чанде аз донишмандонро роҷеъ ба зарбулмасалу мақолҳои таҳлил намудааст, ки хусусияти назариявӣ дорад. Дар фаслҳои минбаъда ибораҳои фразеологии изофӣ, феълӣ ва зарбулмасалу мақолҳои ашъори Ашӯр Сафар мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Мусаллам аст, ки бештари фразеологизм ва зарбулмасалу мақолҳо дар тули асрҳо аз тарафи мардум эҷод шудаанд, яъне моли мардум мебошанд. Шоири нозукадо Ашӯр Сафар аз ин ганҷҳои мардумӣ ба таври фаровон истифода карда, аксари онҳоро айнан ва қисми дигарашро, вобаста бо назардошти вазну қофия, бо бархе аз тағйироти сохторӣ (мавқеияти вожаҳо) мавриди корбурд қарор додааст.

Унвончӯ барои тақвияти андешаҳои худ аз ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо аз осори шоир намунаҳо оварда, нақшу ҷойгоҳи онҳоро дар тасвири образҳои лирикӣ, лавҳаҳои гуногуни ҳаётӣ ва ҳодисаву воқеаҳо нишон додааст.

Дар қисмати хулоса мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 10 банд натиҷагирӣ шудааст.

Ҳамин тавр, дастовард ва комёбиҳои диссертантро доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ҷамъбаст намуда, гуфтан мумкин аст, ки он то ҷое воситаҳои ифодаи лексикӣ ва вижагиҳои луғоти омиёнаи осори Ашӯр Сафарро муайян сохтааст. Ҷанбаи илмӣ ва амаливу назариявии диссертатсия мувофиқи матлаб буда, нигорандаи он ба таври фаровон сарчашмаҳои асосии марбут ба мавзуъро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин аз савияи дониш ва таҷрибаи хуб доштани Ҷалилова Анварбӣ дарак медиҳад.

Забон ва услуби нигориши диссертатсия содаву равон ва фаҳмо буда, бархе аз паҳлуҳои масоили забоншиносии тоҷик, махсусан баъзе аз луғоти омиёна, ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои

гӯйишҳои маҳаллӣ, инчунин хусусиятҳои услубии онҳо дар омӯзишу пажуҳиши осори бадеии шоирону нависандагони тоҷик нақши муфиду судмандеро ба ҷо хоҳад овард.

Бо вуҷуди ин, баробари дастовардҳои мухим ва судманди илмӣ дар масъалаи таҳлили маводи луғоти омиёна дар осори Ашӯр Сафар баъзе нуктаҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоиву техникӣ, китобат, услубиву мантиқӣ, такрори суханҳо ва монанди инҳо роҳ ёфтааст, ки аз бандҳои зерин иборатанд ва минбаъд ба инобат гирифтани онҳо барои беҳтар шудани сифати кор аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар бархе аз мавридҳо муҳаққиқ аз суханҳои муҳаққиқони дигар истифода карда, вале сарчашмаи онҳоро нишон намедиҳад: саҳ 34

2. Аз «Фарҳанги Доро» чанде аз калимаҳо нодуруст омадаанд. Масалан, вожаи курта **kurta** яғнобӣ (ғарбӣ); (шаркӣ)- саҳ.27. Шакли дурусти ин калима дар забони яғнобӣ чунин аст: дар лаҳҷаи ғарбӣ ба гунаи **kurta** ва дар лаҳҷаи шарқӣ ба сурати **kursa**.

3. Унвончӯ вожаи **аёл** -ро ба банди калимахои сифатӣ дохил кардааст ки саҳеҳ нест: саҳ. 53.

4. Дар диссертатсия суханҳои якранг, ба мисли хоси забони омиёна зимни ин байт мақоли … ва монанди инҳо ба мушоҳида мерасанд.

5. Ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, китобатӣ роҳ ёфтааст: 3, 16, 23, 29, 33, 38, 44, 49, 53, 58, 63, 68, 72, 76, 80, 84, 89, 93, 97, 100, 107, 110, 113, 116, 122, 125, 131, 137.

6. Дар рӯйхати адабиёт:

а) дар баъзе сарчашмаҳо макони чоп (нашриёт) нишон дода нашудааст;

б) ҷо-ҷо ба риояи хронология аҳамият дода нашудааст;

в) Дар рӯйхати адабиёт фарҳангҳо бояд дар банди алоҳида оварда мешуд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳо, эродҳои баёнгардида бештар хусусиятҳои имлоиву техникӣ, китобатӣ ва услубӣ доранд.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофикат мекунад ва мухтавои он ба мақолаҳои ба нашррасондаи муҳаққиқ, ки дар маҷмуъ 7 -торо ташкил медиҳанд, пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҷаллилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» таҳқиқи анҷомёфта ба ҳисоб рафта, посухгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мебошад ва нигорандаи он сазовори дарёфти дарачаи

илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ аст.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ муҳокима гардид. Дар ҷаласа 9 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 9–нафар, «муқобил»- нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи № 4 (23) аз 24. 02.2023.

Раиси ҷаласа:
мудири шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология **Мирзоев Сайфиддин**

Ташхисгар:
ходими пешбари илмии шуъбаи
забони тоҷикии Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология **Тӯраев Бурхониддин**

Котиби ҷаласа:
ходими калони илмии
шуъбаи забонҳои бостон ва ориёии
ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология
Мамадаминова Замира

Суроға: 174025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел: 227-27-52
Сайт: hh://anrt.tj
E-mail: sayf_yagnob@mail.ru
Тел: 919-80-38-20

Имзоҳои С. Мирзоев, Б. Тӯраев,
З. Мамадаминоваро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои ИЗА ба номи
Рӯдакии АМИТ **Ҳилола Нарзиқулова**